**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**«МУВОФИҚА КАРДА ШУД»**
**Сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва хифзи ичтимоии аҳолӣ**
**______________ С. Б. Бекмуродзода**
**«24» ___10___ 2023с.**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори тиҷоратӣ ЧДММ «Афзалият групп»**
**______________ Бобомурадов А.А.**
**«17» ___10___ 2023с.**

# УРЕБАКҲОИ КӮДАКОНА

## ШАРТИ ТЕХНИКӢ
## ШТ 14110 2326

Ҷоришавӣ аз «10» 2023
Мӯҳлати амал то «10» 2026

**«ТАҲИЯ КАРД»**
**Сармутахассиси ЧДММ «Афзалият групп»**
**______________**
**«17» 10 2023**

**ДУШАНБЕ**

## 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

1.1 Ин шарти техникӣ ба маҳсулоти тозадоштию-беҳдоштии истифодаи яккарата барои парастории кӯдакон – «Уребакҳои яккаратаи кӯдакона» (минбаъд – уребак, маҳсулот) татбиқ мегардад.
**Тавсиф:** Уребакҳои яккаратаи кӯдакона – чунин маҳсулоти истеҳсолӣ-саноатие мебошанд, ки аз масолеҳоти селлюлозаи фаххак, абсорбенти полимерӣ, масолеҳоти ғайриматоъӣ, пропиленӣ, полипропиленӣ ва ё дигар полимерҳои мувофиқ дар шаклҳои таҳпӯшакҳои уребшакл барои истифодаи яккарата таҳия карда мешаванд.
Уребакҳо тавассути абсорбсия (фурубари) – и намӣ ба дохили қабати мобайнии худ, гели бозпаснагарданда ҳосил карда, вазифаи тайинотии худро ба ҷо меоранд.
Маҳсулнокии абсорбсиявии уребакҳо вобаста аз масолеҳоти масрафӣ метавонад то ду баробари ҳаҷмашон баробар бошанд.
Барои муҳофизати пӯсти кӯдак сатҳи уребакҳо бо маводи муҳофизатии молишдиҳанда коркард карда мешаванд.
**Тайинот:** Уребакҳои яккаратаи кӯдакона ҳамчун воситаи тозадоштию-беҳдоштии инфиродӣ, бо мақсади фуру кашида гирифтани пешоб ва нагузоштани олудашавии либосҳои болоии кӯдакони хурдсол ва бемори бистарӣ ва ё беморони вазнини руҳӣ ва урологӣ бо пешоб ва фазла тайин мегарданд.

1.2. Ин шарти техникӣ танҳо ба уребакҳои кӯдакона дахолат карда, ба уребакҳои калонсолон дахлпазирӣ намекунад.

1.3. Аз руи нишондиҳандаҳои заҳролуднокӣ, мувофиқи таснифи ГОСТ 12.1.007-76, маҳсулот ҳангоми истифодабарӣ, ба гурӯҳи маснуотҳои камхатари дараҷаи 4 мансуб мебошад.

1.4. Талаботи ин шарти техникӣ барои баҳодиҳии сифат ва муайян кардани бехатарии уребакҳои кӯдакона истифода бурда мешавад. Талаботи ин Шарти техникӣ ҳатмӣ ва барои таҳияи сертификати сифатнокии маҳсулот қобили қабул аст.

1.5. Ин маҳсулот тавассути дорухонаҳо, мағозаҳои махсусгардондашуда ва шӯъбаҳои хатҳои тиҷоратӣ ба аҳолӣ пешкаш карда мешавад.

1.6. Намунаи навишти маҳсулот ҳангоми фармоиш ва (ва ё) дар дигар ҳуҷҷатҳо чунин аст:
«Уребакҳои яккаратаи кӯдакона аз руи ШТ____________________».

## 2. ТАСНИФ

**2.1.** Таснифи уребакҳои кӯдакона дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 1**

| Навъ | Намуд | |
|---|---|---|
| Аз руи пӯшидан | Аз ду тараф часпакдор | Тагшалвормонанд |
| Аз руи ҷинс | Писарона<br>Аз руи ГОСТ 17917-86 | Духтарона<br>Аз руи ГОСТ 17916-86 |

2.2. Уребакҳои кӯдакона аз руи синну сол ва вазни кӯдакон гуруҳбандӣ карда мешаванд:

**Ҷадвали 2. Гурӯҳҳои синнусолии уребакҳо**

| Рақами гурух № | Номгӯи гурӯҳҳои синнусолии уребакҳо | Ҳудуди вазни кӯдак (тавсиявӣ), кг | Ифодаи шартии гурӯҳи синнусолии уребакҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои навзодон (то 28 рӯза) | то 5 | «Ню беби» |
| 2 | Андозаи хурд | >> 6 | «Мини» |
| 3 | Андозаи миёна | >> 9 | «Миди» |
| 4 | Андозаи калон | >> 20 | «Макси», «Макси+» |
| 5 | Андозаи хеле калон | аз 20 боло | «Юниор» |

*Эзоҳ - Ифодаи шартии гурӯҳи синнусолии дар ҷадвал нишон дода шудаи уребакҳо, ба ифодаҳои шартие, ки дар таҷрибаи байналхалқӣ қабул шудааст, мувофиқат мекунад. Барои гуруҳи уребакҳо, дар мувофиқат бо таҷрибаи миллӣ ва/ва ё байналхалқӣ ифодаи шартӣ метавонад бо рақам нишон дода шавад.*

## 3. ТАЛАБОТҲОИ МЕЪЁРӢ

**3.1.** Уребакҳои кӯдакона бояд ба талаботҳои ин шарти техникӣ, инчунин ба талаботҳои барои қабатҳои аввал муқарраркардашудаи РТ ИГ (ТР ТС) 017/2011 «Дар бораи бехатарии маҳсулоти саноати сабук», дар нисбати ҳар як намуди алоҳидаи гуруҳи мушаххаси уребакҳо ҷавобгӯй бошад.

Дар ҳолати зарурат ба намуди алоҳидаи уребак аз руи ГОСТ 15.009 намуна-эталон тасдиқ карда мешавад.

Ҳар як намуди алоҳидаи уребакҳо аз руи регламенти технологӣ ва тавсифоти техникии худ таҳия карда мешавад.

**3.2. Талабот оиди сохтори уребакҳо.**

Сохтори уребакҳо (аз қабати ба пӯсти кӯдак расишкунанда оғоз шуда) дар бар мегирад:

- қабати рӯйпӯшкунандаи болоӣ;

- қабати тақсимкунанда;
- қабати абсорбсикунанда;
- қабати муҳофизатӣ;
- қабати рӯйпӯшкунандаи поёнӣ;
- чин-чинакҳои камонакшакли ёзанда аз ду паҳлуи уребак, бо эзорбанди резинии таранг кардашуда;
- чин-чинакҳои ёзандаи муҳофизатӣ барои ронҳо;
- порчаакҳои «часпонак» аз ду тарафи уребак бо ду қабатакҳои канорӣ -
- камарбандҳои ёзанда дар зеҳҳои тарафи пеш ва пушт - барои хуб чафсидани уребак дар тани кӯдак,;
- индикатори пуршавӣ.

Тайёр кардани уребакҳо бе қабати тақсимкунанда ва қабати рӯйпӯшкунандаи поёнӣ иҷозат дода мешавад.
Ҳангоми надоштани қабати рӯйпӯшкунандаи поёнӣ вазифаи онро қабати муҳофизатӣ иҷро мекунад.
Уребакҳо дар баробари қабатҳои ишорашуда, метавонанд барои вазифаҳои муайян, қабатҳои иловагӣ дошта бошанд.
Барои муҳофизати пӯсти қудак аз барангезиш қабати рӯйпӯшкунандаи болоӣ бо вазелин, спирти стеарил, экстрактҳои моеъи растанигӣ ва ё дигар маводҳои муҳофизатии молишдиҳанда метавонад коркард карда шавад.

### 3.3. Техникаи тайёркунии уребакҳо

Уребакҳо дар намуди тагпӯшакҳои кушодаи порчаакҳои «часпонак»-дор ва ё дар намуди тагпӯшакҳои тайёри бутун таҳия карда мешаванд.
Бо мақсади таъмин кардани муҳофизати иловагии пӯсти кӯдак аз барангезиш ҳангоми бо пешоб ва ё фазла расиш хурдан, тамоми сатҳи қабати рӯйпӯши болоии уребакҳо метавонад бо ҷузъи махсус (вазелин, лосон ва г.) коркард карда шавад.
Намудҳои дигари техникаи тайёркунии уребакҳо иҷозат дода мешавад.

### 3.4. Талаботҳои тайёркунӣ

3.4.1 Уребакҳо аз руи шарти таъмин намудани ҷаббиши намӣ, мувофиқати динамикӣ бо махсусиятҳои анатомӣ ва қуллайӣ ҳангоми истифода дар шаклҳо ва андозаҳои гуногуни синну солӣ тайёр карда мешаванд.
3.4.2 Қабатҳои уребакҳо бояд на кам аз се қабат иборат бошанд ва ба талаботҳои ин шарти техникӣ мувофиқат карда тавонанд.
3.4.3 Уребакҳо набояд ҳангоми истифодабарӣ ба қабатҳо ҷудо,

пора-пора ва ё дарида гарданд.

3.4.4 Ҷузъиётҳои уребакҳо тавассути бахягарӣ ва ё бо усули часпонидани ҳароратӣ (термоусадка) - ширешкорӣ, пайваст карда мешаванд.

Тарҳи уребакҳо ба тариқи часпонидани ҳароратӣ мувофиқи ГОСТ 12807, часпонидани порчаҳои «часпонак»-ҳо бошад аз руи ГОСТ 6309 ба ҷо оварда мешаванд.

Қабатҳои уребакҳо бо ёрии коркарди ҳароратӣ ё ширеши гарми гудохта ва ё дигар тариқаҳое, ки устувории ширешкории қабатҳо (чокҳо) – ро таъмин карда тавонад, маҳкам карда мешаванд. Чокҳо бояд якзайл бошанд.

Часпонидани ҷузъҳо набояд маҳсулотро ба ҳам баста гардонад.

3.4.5 Уребакҳо бояд воситаи қапидан – чин-чинакҳои ёзандаи камарӣ ва ронӣ, инчунин бо часпакҳои паҳлуӣ, ки бо ёрии он уребак дар тан зич часпида истода, талаботҳои истифодабариро таъмин мекунад, муҷаҳҳаз бошанд.

3.4.6 Дар қисмати болоии камари уребакҳо, барои беҳтар намудани шинамӣ ва дарҷ кардани рангубор фатила (лента)-и муҳофизатӣ часпонда мешавад.

**3.5. Коркарди нақшунигорнамоии уребакҳо**

Қабати рӯйпӯшкунандаи поёнӣ ва ё ҷузъҳои маҳкамкунандаи уребакҳо бе нақшунигор ва ё бо нигориши расмӣ бо усули гуногун (тамғагузоришуда, нақшкубикардашуда) ва ё бо усулҳои гуногун гузошташуда коркард карда мешавад.

**3.6. Талабот ба намуди зоҳирӣ**

3.6.1. Дар уребакҳо нуқсҳои берунӣ – осебҳои механикӣ (канораҳои дарида, бурришҳо, осебҳои ҷузъҳои часпишӣ ва б.и.м.), доғҳои гуногун, ғашҳои бегонаи ба чашм намоён иҷозат дода намешавад.

3.6.2 . Расмҳои дар уребакҳо чопкардашуда бояд возеҳ, бе таҳриф ва бе нуқсон бошанд. Пайи риштаҳои кандашуда ва омезиши рангҳо иҷозат дода намешавад.

**3.7.** Сохтор, андозаҳои хаттӣ, коркарди техникӣ ва нақшунигории уребакҳо дар ҳуҷҷати техникии уребаки мушаххас ва ё гуруҳи синнусолии уребак нишон дода мешавад.

Истеҳсолчӣ андозаҳои хаттӣ: дарозӣ (бо назардошти фарогирии камар), дарозӣ ва васеъги (марказӣ ва канораҳо) – и қисмати ғафсии мобайнӣ, андозаи порчаакҳои «часпонак», камараки ёзанда, чин-чинаки ҳудуди

қадкашакҳоро доранда, бо назардошти аломатҳои андозавии андоми навъии кӯдакони навзод, то яксола, боғчагӣ, томактабӣ ва синни мактабӣ аз руи ГОСТ Р 50713, ГОСТ 17916, ГОСТ 17917, ГОСТ 25296 муқаррар менамояд.

3.8. **Ашё ва масолеҳоти масрафӣ**

3.8.1 Барои тайёр кардани уребакҳо масолеҳоти зерин истифода бурда мешаванд:

- барои қабатҳои болоӣ ва поёнӣ, ҷузъҳои деворагузоранда: масолеҳоти ғайриматоғӣ (плёнкаҳои полимерӣ, пропиленӣ, полипропиленӣ), пахтагӣ, бамбукӣ, селлюлозӣ ва ё дигар масолеҳоти гидрофобӣ, бо нишондиҳандаҳои сифатии аз руи талаботҳои ин шарти техникӣ тайёр кардани уребакҳоро қонеъкунанда;
- барои қабатҳои тақсимкунанда: масолеҳоти ғайриматоғӣ ((спандбонд, мелтблаун, термобонд) ва ё коғазҳои маишӣ ва тайиноти тозадоштию-беҳдоштии селлюлозавӣ ва ё таркибҳои дарахтии вазни масоҳати 1 $м^2$-и коғаз (масолеҳ) – аш на беш аз 25,0 г;
- барои қабати абсорбсикунанда: селлюлозаи фахак ва/ва ё нахҳои дигар нимашёҳо;
- барои қабатҳои гелофар: акрилатҳо, полиакрилатҳо, акрилати натрий ва дигар моддаҳои мувофиқ;
- барои қабати муҳофизатӣ: пардаи полимерии ғафсияш на беш аз 30 мкм;
- барои ҳимояи пӯсти кӯдак: хокпошаҳо, вазелин, спирти стеарил, лосёнҳо бо экстрактҳои растанигӣ;
- ба сифати ислоҳкунандаҳо: ароматикунандаҳо, рангкунандаҳо, ҳаводиҳандаҳо.

3.8.2 Истифодаи коғазҳои маишӣ ва тайиноти тозадоштию-беҳдоштии кӯҳнагаштаи коғазӣ ва картонӣ аз руи ГОСТ 10700 иҷозат дода намешавад;

3.8.3 Истифодаи дигар ашё ва ё масолеҳоте, ки ба нишондодҳои сифатӣ ва бехатарии дар боло ишорашуда ҷавобгӯӣ ва ба талаботҳои ин шарти техникӣ мувофиқат кунад ҷоиз аст.

3.8.4 Ашё ва масолеҳот барои тайёр кардани уребакҳо дар ҳуҷҷати техникии уребакҳои мушаххас ва ё гуруҳи уребакҳо нишон дода мешавад.

**3.9. Нишондиҳандаҳои сифатии уребакҳо**

3.9.1 Аз руи нишондодҳои бехатарии химиявӣ ва биологӣ уребакҳо бояд ба талаботҳои ҷадвали 3-и ин шарти техникӣ ҷавобгӯ бошанд.

**Ҷадвали 3.**

| Номи нишондиҳанда | Ифодаи нишондиҳанда |
|---|---|
| Ифодаи муҳит, pH | 6,0 - 7,0 |
| Фурубарии ултрабунафш, аз руи воҳ. ОП на беш | 0,300 |
| Омехтаҳои барқароркунандаҳо, дм³, на беш | 1,00 |
| Мавҷудияти формалдегид, мг/дм³, на беш | 0,100 |
| Мавҷудияти атсеталдегид, мг/дм³, на беш | 0,200 |
| Мавҷудияти атсетон, мг/дм³, на беш | 0,100 |
| Мавҷудияти метанол, мг/дм³, на беш | 0,200 |
| Мавҷудияти изопропанол, мг/дм³, на беш | 0,100 |
| Мавҷудияти фенолҳо, мг/дм³, на беш | 0,05 |
| Мавҷудияти акрилонитрил, мг/дм³, на беш | 0,02 |
| Мавҷудияти бензол, мг/дм³, на беш | 0,01 |
| Мавҷудияти гексан, мг/дм³, на беш | 0,1 |
| Мавҷудияти металли сурб, мг/дм³, на беш | 0,03 |
| Мавҷудияти металли руҳ, мг/дм³, на беш | 1,0 |
| Мавҷудияти марги муш, мг/дм³, на беш | 0,05 |
| Мавҷудияти хром, мг/дм³, на беш | 0,1 |
| Фишори диференсиалӣ, Па/см² | < 29,4 |
| Таъсири барангезишдиҳандагӣ, хол | 0 |
| Таъсири сенсибилифизоӣ | Манфӣ |
| Тозагии микробиологӣ, КОЕ/г | ≤ 30 |

3.9.2. Аз руи нишондодҳои физикӣ-механикӣ ва хусусиятҳои вазифавӣ уребакҳо бояд ба талаботҳои ҷадвали 4 ҷавобгӯй бошанд.

**Ҷадвали 4.**

| № | Номгуи нишондод | Ифодаи нишондод барои уребакҳои гуруҳҳои синнусолӣ | | | | | Усули санчиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Барои навзодон | Барои кӯдакони то яксола, боғчагӣ, томактабӣ ва мактабӣ | | | | |
| | | | Андозаи майда | Андозаи миёна | Андозаи калон | Андозаи аз ҳад калон | |
| 1 | Намкашии пурра, г. на кам | 120,0 | 160,0 | 240,0 | 270,0 | 280,0 | Аз руи б.8.4 ин ШТ |
| 2 | Сорбсияи чаппа, г. на беш | 0,4 | 0,4 | 6 | 14 | 16 | Аз руи б.8.4 ин ШТ |
| 3 | Муддати фурубарии намӣ, сония, на беш | 3,0 | 3,0 | 3,0 | 3,0 | 3,0 | Аз руи б.8.4 ин ШТ |
| 4 | Шӯсташавии ранг (ҷудо шудани ранг аз уребаки намкардашуда дар когази полонишӣ дар муддатӣ 2 соат) | намешавад | намешавад | намешавад | намешавад | намешавад | Аз руи б.8.4 ин ШТ |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Ҳавогузаронӣ (ба тариқи дамиши ҳаво) | гузарон анда | гузарон анда | гузарон анда | гузарон анда | гузарон анда | Аз руи б.8.4 ин ШТ |

**3.10**. Шиддати бӯйнокии буйи аз уребак (ҷабидаи обӣ) ҷудошаванда – набояд аз 1 хол зиёд бошад.

## 4. ТАМҒАГУЗОРӢ

4.1 Тамғагузории уребакҳо бояд талаботҳои ТР ТС 017/2011 «Дар бораи бехатарии маҳсулоти саноати сабук» ва ГОСТ 10581 ҷавобгӯ бошад.

4.2 Уребакҳо метавонанд бо аломатҳои аз руи ГОСТ ISO 3758 гирифташуда, тамғагузорӣ карда шуда бошанд.

4.3 Тамғагузорӣ бояд ҳаққонӣ, тафтишшаванда ва хондашаванда бошад. Тамғагузорӣ бевосита дар борҷома ва ё тамғакоғази дар бастабандӣ часпонидашуда дарҷ карда мешавад. Тамғагузорӣ дар дилхоҳ шакл (чопӣ, нақшкӯбӣ, муҳрзанӣ), ки возеҳӣ, аёнӣ ва хондашавандагии онро таъмин карда метавонад, дарҷ карда мешавад.

Ҳангоми истифодаи дарҷи тамғагузорӣ бо усули чопӣ шӯсташавии ранг иҷозат дода намешавад.

4.4 Тамғагузории уребакҳо дар регламентӣ технологӣ муқаррар карда мешавад ва бояд дар бораи уребак маълумотҳои зеринро дар бар гирад:
- ифодаи шартии гурӯҳи синнусолии уребак, андоза, ҳудуди ҷоизи вазни кӯдак, рақами уребак (дар сурати зарурат);
- намуд (вариант)-и техникии тайёркунии уребак;
- рақами молӣ (артикул, агар бошад);
- миқдори уреакҳо дар баста;
- санна (моҳ, сол) – и истеҳсол;
- рамзи раҳ-раҳи маҳсулот (агар бошад);
- мӯҳлати истифодабарии аз тарафи истеҳсолчӣ муқарраршуда;
- нишондод оиди бартарафсозии партови уребак: калимаи «Дар кубури оби ҳандақӣ партофта нашавад» ва (ва ё) расми ин нишондодро возеҳ ифодакунанда.

Пур кардани тамғагузорӣ бо дигар маълумотҳо, ба монанди маълумот оиди пешниҳодкунандаи уребак (иттиҳоду ҷамъиятҳои истифодабарандагон), дарҷ кардани аломатҳои хаттӣ ва ё суратии маълумотҳои шарҳдиҳанда оиди уребак дар тамғагузорӣ (навъи тайёркунӣ, хусусиятҳои фарққунанда, тавсия ва б.и.м.) иҷозат дода мешавад.

Дарҷи иловагии санна (моҳ, сол) – и истеҳсол ва мӯҳлати истифодабарӣ дар фатилаи қисмати пеш иҷозат дода мешавад.
Дар ҳар як бастаи уребак бояд дастурамал – бо маълумотҳои нишондоди тавсияи уребак (намуд, навъ), раҳнамоӣ оиди интихоби дурусти намуд (навъ) – и уребак, андоза бо назардошти гуруҳи синнусолӣ ва ҳудуди ҷоизбудаи вазни кӯдак, инчунин тавсия оиди истифодаи дурусти уребак ва нишондод оиди бартарафкунии партови он ҷойгир карда шуда бошад.
Агар маълумотҳои зикршуда комилан пурра ба ҳисоб раванд, онҳоро бевосита дар борҷома дарҷ кардан иҷозат дода мешавад.
Тамғагузорӣ ба маҳсулоте, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешавад татбиқ мегардад.

4.5 Тамғагузории бастаҳои интиқолӣ аз руи ГОСТ 14192, бо дарҷи рақами барориш ва аломати огоҳкунандаи «Аз намӣ маҳфуз дошта шавад» таҳия карда мешавад.

## 5. БАСТАБАНДӢ

5.1 Уребакҳои яккаратаи кӯдакона дар бастаҳои полимерӣ аз руи ГОСТ 12303, ё ин ки қуттиҳо аз руи ГОСТ 12301 ва ё дигар намуди бастабандӣ, ки ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ ҳифзи уребакҳоро таъмин карда тавонад, бо миқдори якчандададӣ бастабандӣ карда мешаванд. Пайвандҳои бастаҳои полимерӣ бояд бо усули ҳароратӣ часпонда шуда бошанд.

5.2 Дар як баста ва ё қуттии истифодабарӣ уребакҳои як гурӯҳи синнусолӣ, сохтор, андозаҳои хаттӣ, коркардҳои техникӣ ва нақшунигорӣ, аз як намуд масолеҳ тайёркардашуда, бо як нишондоди сифатӣ ва саннаи якхелаи истеҳсол (моҳ, сол) бастабандӣ карда мешавад.

5.2 Нуқсу осебҳои механикии бастабандӣ, ки сатҳи уребакро ба берун дастрас мегардонад иҷозат дода намешавад.

5.3 Бастаҳои интиқолии уребакҳо дар шакли той ва ё қуттӣ аз руи ГОСТ 6658 бастабандӣ карда мешаванд.

5.4 Вазни ғайрихолиси той ва ё қуттии интиқолии уребакҳо набояд аз 7 кг зиёд бошад.

5.5 Дар як баста ва ё як қуттии интиқолӣ, уребакҳои як гурӯҳи синнусолӣ, сохтор, андозаҳои хаттӣ, коркардҳои техникӣ ва нақшунигорӣ, бо саннаи якхелаи истеҳсол (моҳ, сол) бастабандӣ карда мешавад.

5.6 Дар мувофиқат бо фармоишгар, той ва ё қуттиҳои интиқолӣ бо миқдорҳои дигари шумораи бастаҳо таҳия карда мешавад.

## 6. ТАЛАБОТ ОИД БА БЕХАТАРӢ ВА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

6.1. Таҷҳизоти технологӣ бояд бо талаботи ГОСТ 12.2.003, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдошти истеҳсолӣ мувофиқат кунад.

6.2. Ҳолати беҳдоштии коргоҳ ва тозадоштии шахсии кормандон бояд ба талаботҳои қоидаҳои беҳдоштӣ мувофиқат кунад.

6.3. Ҷобаҷогузорӣ ва насбу васли таҷҳизот бояд бехатарӣ, устуворӣ, қуллайии хизматрасонӣ ва таъмир, тартиби пайдарпайии амалиётҳои технологиро таъмин карда тавонад.

6.4. Ҳангоми истеҳсол бояд талаботҳои бехатарӣ мувофиқи ГОСТ 12.2.061 ба ҷо оварда шавад.

6.5. Ҳама намуди қисматҳои чархзанандаи таҷҳизотҳо мувофиқи ГОСТ 12.2.062, бояд бо девораҳои муҳофизатӣ таъмин карда шуда бошанд.

6.6. Бинои истеҳсолӣ бояд бо аломатҳои бехатарӣ, лавҳарасмҳои техникаи бехатарӣ ва бехатарии зиддисӯхторӣ, мутобиқи ГОСТ 12.04.026 таъмин карда шуда бошад.

6.7. Низоми гармидиҳӣ ва шамолдиҳӣ бояд қонеъ гардонидани талаботҳои беҳдошту-тозадоштии ҳавои мавзеи кориро мувофиқи ГОСТ 12.1.005 таъмин карда тавонад.

6.8. Кормандони дар истеҳсолот ҳузур дошта, мувофиқи ГОСТ 12.4.011 бояд бо воситаҳои инфиродии муҳофизатӣ таъмин бошанд.

6.9. Ба кори истеҳсолӣ ашхосе, ки аз омӯзиш ва такмили касб гузаштаанд, мувофиқи ГОСТ 12.0.004 бо дастурамали техникаи бехатарии меҳнатӣ шинос гаштаанд, инчунин аз назорати тиббӣ гузашта, талаботҳои ақалии беҳдоштиро омӯхтаанд, иҷозат дода мешавад.

6.10. Омилҳои зараррасон: шавшӯ, ларзиш, ҳарорати муҳаррикҳо, ки ҳангоми истифодаи таҷҳизоти технологӣ дар раванди кор ба вуҷуд меоянд, бояд бо меъёр ва қоидаҳои тозадоштӣ, аз руи СанПиН 0325, СанПиН 0326, СанПиН 0324 мувофиқат намояд.

6.11. Талабот ба ҳифзи муҳити зист бояд мувофиқи талаботҳои ГОСТ 17.2.3.02 ба ҷо оварда шавад.

6.12. Талабот ба обҳои ҳандақӣ бояд ба талаботҳои ГОСТ 17.4.3.05 мувофиқат кунад.

6.13. Равандҳои истеҳсолӣ тавассути таҷҳизоти сертификатшудаи намунавӣ, ки аз масолеҳи барои истифода иҷозатшуда сохташудаанд, ба ҷо оварда шавад.

6.14. Таҷҳизот бояд ба талаботҳои умумии нисбати таҷҳизотҳо тавсияшаванда, мувофиқи ГОСТ 12.2.003 ҷавобгӯй бошад.

## 7. ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛ

7.1.1 Қоидаҳои қабули уребакҳои яккаратаи кӯдакона аз руи ГОСТ 23948 ба ҷо оварда мешавад.

7.1.2 Маҳсулот аз руи бароруш (силсила) қабул карда мешавад. Барориш (силсила) – чунин миқдори маҳсулот ҳисобида мешавад, ки дар як даври технологӣ тайёр карда шуда, барои қабул ва ҳуҷҷатгузорӣ дар як вақт, бо як ҳуҷҷати нишондиҳандаи сифат пешкаш карда мешавад.

7.1.3 Дар як барориш миқдори муайяни уребакҳои як гурӯҳи синнусолӣ, сохтор, андозаҳои хаттӣ, коркардҳои техникӣ ва нақшунигорӣ, аз як намуд масолеҳ тайёркардашуда, бо як ҳуҷҷати нишондиҳандаи сифат тасдиқшуда қабул карда мешавад.

7.1.4 Ҳар як барориш бояд бо ҳуҷҷати сифат, ки бандҳои зеринро дар бар гирад, ҳамроҳӣ карда шавад:

- номи мамлакати истеҳсолкунанда, номи корхонаи истеҳсолкунанда ва нишонаи молии истеҳсолчӣ (агар бошад);
- ифодаи шартии гуруҳи синнусолии уребак, намуд (навъ)-и коркарди техникӣ ва рангуборӣ, рақами маҳсулот (агар бошад);
- хели мол (артикул, агар бошад);
- рақами барориш;
- миқдори уребакҳо дар барориш;
- саннаи истеҳсол (моҳ, сол);
- ифодаи ин шарти техникӣ;
- мӯлати истифодабарии уребак;
- натиҷаи таҳлил ва ё тасдиқи мувофиқати уребак бо талаботҳои ин шарти техникӣ.

7.1.5 Барои муайян кардани мувофиқати маҳсулот ба талаботҳои стандарти корхона санҷишҳои доду-гирифт, даврӣ ва сертификатсиявӣ гузаронида мешавад.

7.1.6 Санҷишҳои доду-гирифтӣ барои ҳар як барориш аз руи талаботҳои бандҳои 2 -5 ба ҷо оварда мешавад. Санҷиш аз тарафи озмоишгоҳи шӯъбаи назорати техникии корхона ва ё дигар озмоишгоҳи аккредитишуда, мувофиқи шартномаи басташуда ба ҷо оварда мешавад.

**7.2. Санҷишҳои даврӣ**

7.2.1. Санҷишҳои даврӣ дар асоси ҳама гуна талаботҳои стандартҳои корхона, на кам аз як маротиба дар як семоҳа гузаронида мешавад.

7.2.2. Назорат аз болои мавҷудияти унсурҳои заҳрноки химиявӣ, меъёрҳои бехатарии микробиологӣ аз тарафи озмоишгоҳи корхона бо тартиби назорати истеҳсолӣ ва ё аз тарафи озмоишгоҳи санҷишии аккредитишуда, мувофиқи шартнома, на кам аз як маротиба дар як семоҳа ба ҷо оварда мешавад.

7.2.3 Ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои ғайриқаноатбахши санҷишӣ (ҳатто агар аз руи як нишондиҳанда), аз руи он бо интихоб карда гирифтани миқдори дучандшудаи ҳамон барориш, санҷиши дубора ба ҷо оварда мешавад. Натиҷаҳои санҷиши дубора ниҳоӣ ҳисобида шуда,

барои ҳамаи ҳамон як барориш ҳукмгузорӣ карда мешавад. Ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои ғайриқаноатбахши санҷиши дубора, ҳамаи ҳамон як барориш нуқсондор ҳисобида шуда, сақат мегардад.

**7.3. Санҷиши сертификатсиявӣ**

7.3.1. Санҷиши сертификатсиявӣ дар озмоишгоҳи аккредитишуда, мувофиқи ҳама талаботҳои ҳамин стандарти корхонавӣ ба ҷо оварда мешавад.

## 8. УСУЛҲОИ САНҶИШ

8.1. Санҷиш дар шароити иқлимии муқаррарии истифодабарии уребакҳо гузаронида мешавад.

8.2. Тафтиши мувофиқати ҳуҷҷатҳо, инчунин бастабандӣ, борҷомасозӣ, тамғагузориҳо бо усули муоинаи зоҳирӣ ва муқоиса кардан бо ҳуҷҷатҳои конструкторӣ ба ҷо оварда мешавад.

Тафтиши андозаҳои уребакҳо бо ёрии хаткашаки ГОСТ 427 тавассути муқоиса кардани натиҷаҳои ченкунӣ аз руи ГОСТ Р 50713, ГОСТ 17916, ГОСТ 17917, ГОСТ 25296 ба ҷо оварда мешавад.

8.3 Санҷиши нишондодҳои бехатарии химиявӣ ва биологӣ уребакҳо бо тартиби зерин гузаронида мешавад:

8.3.1 Муайян кардани нишондиҳандаи pH – аз руи ГОСТ Р ИСО 17190-1-2019 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.2 Муайян кардани фурубарии ултрабунафшӣ – аз руи ГОСТ Р 58396—2019 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.3 Тафтиши муносибатпазирии масолеҳот бо пусти бадани беҳимоя мувофиқи ГОСТ 31214 ва силсилаи ГОСТ ИСО10993, ГОСТ Р 52770 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.4 Муайян кардани омехтаҳои баркароркунандаҳо – аз руи ГОСТ Р 58396—2019 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.5 Муайян кардани мавҷудияти формалдегид – аз руи ГОСТ Р 55227 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.6 Муайян кардани мавҷудияти атсеталдегид – аз руи ГОСТ Р 58396—2019 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.7 Муайян кардани мавҷудияти атсетон, метанол, изопропанол – аз руи МУК 4.1.3166-14 «Муайянсозии газохроматографии гексан, гептан, атсетальдегид, атсетон, метилатсетат, этилатсетат, метанол, изопропанол, акрилонитрил, н-пропанол, н-пропилатсетат, бутилатсетат, изобутанол, н- бутанол, бензол, толуол, этилбензол, м-, о- и п-ксилолҳо, изопропилбензол, стирол, алфа-метилстирол дар об ва ҷабидаҳои обии масолеҳоти таркибҳои гуногун» ба ҷо оварда мешавад.

8.3.8 Муайян кардани фишори дифферентсиалӣ – аз руи ГОСТ Р 58396—2019 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.9 Муайян кардани таъсироти барангезандагӣ ва сенсибилиангезандагӣ – аз руи ГОСТ ISO 10993-10 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.10 Муайян кардани зичии сатҳии масолеҳи масрафӣ – аз руи ГОСТ 3811 ба ҷо оварда мешавад.

8.3.11 Муайян кардани тозагии микробиологӣ аз руи ГОСТ ISO 11737-1 ба ҷо оварда мешавад.

8.4 Санҷиши нишондодҳои физикӣ-механикӣ ва хусусиятҳои вазифавии уребакҳо мувофиқи талаботҳои ҷадвали 4 (банди 3.9.2) аз руи ГОСТ Р 52557-2011 (бандҳои 7.3-7.6) гузаронида мешавад.

8.5 Тафтиши устуворӣ ба таъсироти иқлимӣ ҳангоми истифодабарӣ дар камераи иқлимӣ, аз руи ГОСТ Р 50444 – 4.2 ва устуворӣ ба таъсироти иқлимӣ ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ дар камераи иқлимӣ, аз руи ГОСТ Р 50444 ба ҷо оварда мешавад.

8.6 Санҷиши мӯҳлати истифодабарӣ тавассути тафтиши нишондиҳандаҳои асосии санитарӣ-химиявӣ ва захршиносӣ, баъд аз нигоҳдорӣ дар муддати муайяншуда ба ҷо оварда мешавад.

## 9. ҲАМЛУ НАҚЛ ВА НИГОҲДОРӢ

**9.1.** Маҳсулот бо тамоми намуди нақлиёт, дар воситаҳои пӯшонидашудаи нақлиётӣ, аз руи ГОСТ 6658 (б. 3) интиқол мегардад.

**9.2.** Ҳангоми кашонидан, бор кардан, фаровардан ва нигоҳдории маҳсулоти тайёр, он бояд аз таъсироти чангу ғубори атмосферӣ, зарбаҳои сахт, афтиши нури рубарӯи офтоб ва рутубат муҳофизат карда шуда, мувофиқи ГОСТ 15150 (гуруҳи 5) нигоҳдорӣ карда шавад.

**9.3.** Истифодаи воситаҳои нақлиётие, ки бори буи тез дошта кашонидаанд, ҳамчунин интиқол дода шудан якҷоя бо борҳои буи махсус дошта, иҷозат дода намешавад.

**9.4.** Маҳсулот бояд дар ҷои хушк, аз афтиши нури бевоситаи офтоб маҳфуз, дар ҳарорати на беш аз +25°С ва намии нисбии ҳаво на беш аз 75 % аз руи ГОСТ 15150 нигоҳдорӣ карда шавад.

## 10. ТАВСИЯҲО ОИДИ ИСТИФОДАБАРӢ

Истифодабарии уребакҳо бояд мувофиқи дастурамали истифодабарӣ ба ҷо оварда шавад.
Уребакҳо маснуоти яккаратаи тозадоштӣ буда, таъмир ва хизматрасонии техникӣ карда намешаванд.
Уребакҳо баъд аз 2-4 соати истифодабарӣ иваз карда мешаванд.

## 11. НИШОНДОДИ ИСТИФОДАБАРӢ

Ба сифати воситаи тозадоштию-беҳдоштии истифодаи яккарата барои парастории кӯдакон истифода бурда мешавад.

## 12. ЗИДДИНИШОНДОД ВА ТАЪСИРОТИ БАРЪАКС

Аксуламалҳои инфиродии аллергӣ ба ягон масолеҳоти таркиби маснуот.

## 13. МАЪЛУМОТ ОИДИ УТИЛИКУНОНӢ

Уребакҳои аз руи тавсия истифодашуда, бо тартиби дар СанПиН 2.1.7.2790 барои партовҳои навъи Б пешбинишуда утиликунонӣ карда мешаванд.
Уребакҳои аз руи тавсия истифода нашуда ва уребакҳои мӯҳлати истифодаашон гузашташудаи бастаашон даронидашуда, бо тартиби дар СанПиН 2.1.7.2790 барои партовҳои навъи А пешбинишуда утиликунонӣ карда мешаванд.

## 14. КАФОЛАТИ ИСТЕҲСОЛЧӢ

**14.1.** Истеҳсолчӣ мувофиқати сифати маҳсулотро бо талаботҳои ин шарти техникӣ, ҳангоми аз тарафи истеъмолгар риояи намудани қоидаҳои интиқол, нигоҳдорӣ ва истифодабарӣ кафолат медиҳад.

**14.2.** Мӯҳлати кафолатноки истифодабарии уребакҳои яккаратаи кӯдакона дар бастаи истифодабарӣ нишон дода мешавад.

Кафолати ҳуҷҷатии истифодабарии уребакҳои яккаратаи кудакона **3 сол** аз рӯзи истеҳсол муқаррар карда шудааст.

## 15. ИСТИНОДҲОИ МЕЪЁРӢ

Дар ШТ мазкур ба ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин истинодҳо ба ҷо оварда шудааст:

| Ифодаи ҲМ | Номгуи ҲМ |
|---|---|
| ГОСТ 12.0.004-90 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Ташкили омӯзонидани бехатарии меҳнатӣ. Муқаррароти умумӣ. |
| ГОСТ 12.1.005-88 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Талаботҳои умумии беҳдоштӣ-тозадоштӣ ба ҳавои мавзеи корӣ. |
| ГОСТ 12.2.003-91 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Таҷҳизоти истеҳсолӣ. Талаботи умумии бехатарӣ. |
| ГОСТ 12.2.061-81 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Таҷҳизоти истеҳсолӣ. Талаботҳои умумӣ ба бехатарии мавзеи корӣ. |
| ГОСТ 12.2.062-81 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Таҷҳизоти истеҳсолӣ. Қабатҳои муҳофизатӣ. |
| ГОСТ 12.4.011-89 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Воситаҳои муҳофизатии кормандон. Талабот ва таснифоти умумӣ. |
| ГОСТ 12.4.026-76 | Низоми стандартҳои бехатарии меҳнатӣ. Рангҳои ишоратӣ ва аломатҳои бехатарӣ. |
| ГОСТ 17.2.3.02.78 | Ҳифзи муҳит. Атмосфера. Қоидаҳои муқаррарсозии ҳудуди иҷозатшавандаи партовҳои зарарноки саноатии корхона. |
| ГОСТ 17.4.3.05.86 | Ҳифзи муҳит. Талабот ба обҳои ҳандақӣ ва такшони онҳо барои обёрӣ ва порусозӣ. |
| СанПиН 0324-2016 | Меъёрҳои беҳдошту-тозадоштии микроиқлими биноги истеҳсолӣ. |
| СанПиН 0325-2016 | Меъёрҳои беҳдоштии ҳудуди ҷоизбудаи садо дар мавзеи корӣ. |
| СанПиН 0326-2016 | Меъёрҳои беҳдоштии ҳудуди ҷоизбудаи садоҳои майдонҳои электростатикӣ дар мавзеи корӣ. |
| ГОСТ Р 55227–2012 | Об. Усулҳои муайян кардани мавҷудияти формалдегид. |
| ГОСТ ISO 3758–2014 | Маснуоти насоҷӣ. Тамғагузории нишонаҳои истифодабарӣ. |
| ГОСТ 12.4.136-84 | Воситаҳои муҳофизати инфиродӣ. Усулҳои муайян кардани гузаронандагии микроорганизмҳо. |
| ГОСТ 3811-72 (ИСО 3801-77, ИСО 3932-76, ИСО 3933-76) | Масолеҳоти насоҷӣ. Газворҳои матоъгӣ ва ғайриматоъгӣ, маснуоти донашуморӣ. Усулҳои муайян кардани андозаҳои хаттӣ, зичии сатҳӣ ва хаттӣ. |
| ГОСТ Р 13795 | Масолеҳоти ғайриматогӣ ва маснуоти истифодаи яккарарта. Масолеҳоти ғайриматоъгии бисёрқабата СМС (спанбонд-мелтблаун-спандбонд). |

| | |
|---|---|
| ГОСТ Р 51251-99. | Масолеҳоти полоишкунандаи маҳинтозакунандаи Мелтблаун. |
| ГОСТ 9142 | Қуттиҳои чиндори картонӣ. Шарти техникии умумӣ. |
| ГОСТ 8.579-2002 ГСИ. | Талабот ба миқдори молҳои дар дилхоҳ намуд бастабандӣ қадоқшуда ҳангоми истеҳсол, баркашу барпечшавӣ, фурӯш ва ворид кардани онҳо. |
| ГОСТ Р 58396-2019 | Уребакҳои яккарата. Талабот ва усулҳои санҷиш. |
| РТ ИГ (ТР ТС) 017/2011 | Дар бораи бехатарии маҳсулоти саноати сабук |
| ГОСТ ISO 10993-1—2011 | «Маснуоти тиббӣ. Баҳодиҳии таъсири биологии маснуоти тиббӣ. Қисми 1. Баҳодиҳӣ ва таҳқиқ» |
| ГОСТ ISO 10993-5—2011 | «Маснуоти тиббӣ. Баҳодиҳии таъсири биологии маснуоти тиббӣ. Қисми 5. Таҳқиқ аз руи ситотоксикӣ: усули *in vitro*» |
| ГОСТ ISO 10993-10—2011 | ««Маснуоти тиббӣ. Баҳодиҳии таъсири биологии маснуоти тиббӣ. Қисми10. Таҳқиқи таъсири барангезандагӣ ва сенсибилиангезандагӣ» |
| ГОСТ ISO 11737-1—2012 | «Тамъизсозии маснуоти тиббӣ. Усули микробиологӣ. Қисми 1. Баҳодиҳии популятсияи микроорганизмҳо дар маҳсулот» |
| ГОСТ Р 57027-2016 | Масолеҳи ғайриматоъгии бо ҳарорат васлшавандаи ҳаҷмдори тавлифӣ. Шарти умумии техникӣ. |
| ГОСТ Р 58551-2019 | Маснуоти тиббии яккарата аз масолеҳи ғайриматоъгӣ. Пушишҳои яккаратаи ҷарроҳӣ аз масолеҳи ғайриматоъгӣ. |
| ГОСТ Р 50713—94 | Маҳсулотҳо барои навзод ва кӯдакони гурӯҳи боғчагӣ. Шарти умумии техникӣ. |
| ГОСТ 427—75 | Ҷадвали ченкунӣ. Шарти техникӣ. |
| ГОСТ 10700—97 | Макулатураи коғазӣ ва картонӣ. Шарти техникӣ. |
| ГОСТ 17916—86 | Суроби навъии духтарбача. Аломатҳои андозагирӣ барои таҳияи сарулибос. |
| ГОСТ 17917—86 | Суроби навъии писарбача. Аломатҳои андозагирӣ барои таҳияи сарулибос. |

***Эзоҳ:*** *Ҳангоми истифодаи ин ШТ аз руи ишораҳои дар стандартҳо нишондодашуда, тафтиши намудани амалкарди стандартҳои истинодшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муддати аз аввали январи соли ҷорӣ ба эътибор гирифта шудаанд, ба мақсад мувофиқ аст. Агар ҳуҷҷати истинодшуда иваз (тағйир) шуда бошад, ҳангоми истифодаи ин ШТ стандарти иваз (тағйир) – шуда истифода бурда шавад. Агар ҳуҷҷати истинодшуда бе иваз беэътибор шуда бошад, он гоҳ муқаррароте, ки истинод ба он дода шудааст, танҳо аз қисматҳои дахлнадоштаи он истифода мегардад.*

## 16. МАЪЛУМОТҲОИ АДАБИЁТ


УДК 615.479.47:006.354 МКС 11.140
IDT 83.140.99

***Калимаҳои калидӣ:*** *уребакҳо, уребакҳои яккаратаи кӯдакона, уребакҳои бисёркаратаи кӯдакона.*


## 17. ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒИЙРУ ИЛОВАҲО

| Тағ. | Рақами варақҳо (саҳифаҳо) | | | | Ҳамаги варақи саҳифаҳо дар ҳуҷ. | № ҳуҷ. | Ворид. № ҳуҷ. ҳамр. ва сан. | Имзо | Таърих |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тағ. | Иваз. | Нав | Барҳам. | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |